# СОЗИШНОМА
## байни Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд «Тарафҳои аҳдкунанда» номида мешаванд:

-бо дарназардошти рушди мусоиди муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ,

-бо азми ҳамлу нақли мусофир ва боркашонӣ, ки минбаъд «ҳамлу нақли автомобилӣ» ном бурда мешавад, дар асоси баробарҳуқуқӣ ва мутақобилан судманди тарафҳо,

дар мавриди зайл ба мувофиқа расиданд:

### Моддаи 1

Мутобиқи ҳамин Созишнома ҳамлу нақли мунтазам ва ғайримунтазами мусофирон, аз ҷумлу сайёҳон байни ҳарду давлат тариқи нуқтаҳои сарҳадӣ ва роҳҳои кушода тавассути воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ба қайд гирифта шудаанд, сурат мегирад.

Масъалаҳои мушахасси марбут ба нуқтаҳои гузаргоҳ, самтҳои ҳаракат ва тартиби ҳамлу нақл, аз ҷониби мақомоти ваколатдори Тарафҳои Аҳдкунанда ба мувофиқа расонида мешаванд.

### Моддаи 2

Барои мақсадҳои тавзеҳи муқаррароти ҳамин Созишнома истилоҳоти зайл дорои чунин маънӣ мебошанд:

- таҳти мафҳуми «воситаҳои нақлиёти автомобилӣ» (минбаъд - ВНА) ҳангоми ҳамлу нақли бор –автомобили боркаш, автомибил бо ядак, ё ядаки автомобилӣ бо нимпритсеп фаҳмида мешавад.

- ҳангоми интиқоли мусофирон – воситаҳои нақлиёте фаҳмида мешавад, ки барои интиқоли мусофирон ва бағоҷи онҳо таъин гардидааст;

- таҳти мафҳуми «интиқоли муназзами мусофирон» ҳамлу нақле фаҳмида мешавад, ки тавассути воситаҳои нақлиёти автомобилии Тарафҳои Аҳдкунанда мутобиқи ҷадвали мувофиқашуда, хатсайр ва рейс анҷом дода мешавад;

- таҳти мафҳуми «ҳамлу нақли ғайримуназзам» ҳамаи дигар ҳамлу нақл дар назар дошта шудааст, ба истиснои иинтиқоли муназзами мусофирон;

- таҳти мафҳуми «мақомоти ваколатдор»:

аз ҷониби Хитой - Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Халқии Хитой –мақомоти ваколатдори Департаменти нақлиётии СУАР, ва

аз ҷониби Тоҷикистон – Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида мешавад.

## Моддаи 3

Ташкили ҳамлу нақли муназзами мусофирон ва ғайримуназзами нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори Тарафҳои Аҳдкунанда ба мувофиқа расонида мешавад.

## Моддаи 4

1)Ба истиснои ҳамлу нақли пешбининамудаи Моддаи 5 ҳамин Созишнома Мақомоти ваколатдори яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда бояд ба воситаи нақлиёт барои анҷом додани ҳамлу нақл аз ҷониби дигар Тарафи Аҳдкунанда дар қаламрави давлати он Рухсатнома диҳад.

2)Тарафҳои Аҳдкунанда бо мақсади рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ миқдори бланкаҳои Рухсатномаи намунаи муқараргардидаро муайян менамоянд.

3)Намуд, мазмун, шакл, истифода ва тартиби мубодилаи Рухсатнома дар Регламенти ҳамин Созишнома муқаррар карда мешавад.

## Моддаи 5

1) Рухсатномаи дар моддаи 4 ҳамин Созишнома зикргардида барои иҷрои ҳамлу нақли зайл тақозо намегардад:

а) экспонатҳо, таҷҳизот ва маводе, ки барои ярмарка ва намоишгоҳҳо таъин гардидаанд;

б) воситаҳои нақлиёт, ҳайвонот, инчунин асбобу анҷом ва амволи мухталифе, ки барои доир намудани чорабиниҳои варзишӣ пешбинӣ гардидаанд;

в) декоратсияҳои театрӣ ва реквизитҳо, асбобу анҷоми мусиқӣ, таҷҳизот ва ашё барои сабти кино, намоишҳои телевизион ва радио;

г) турбати фавтидагон;

д) почта;

е) воситаҳои нақлиёти осебдида;

ж) амволи манқул ҳангоми кӯчидан

з) борҳои барои интиқол пешбинишуда ва воситаҳои нақлиётӣ, ки барои ҳамлу нақли онҳо мутобиқи моддаи 6 ҳамин Созишнома иҷозати махсус гирифта шудааст;

2) Ҳангоми убури автомобилҳои кӯмаки техникӣ ва иваз намудани автобуси корношоям, бо дигар автобус иҷозат талаб карда намешавад.

## Моддаи 6

1) Ҳаҷм, сарборӣ ба меҳвар ва вазни воситаҳои нақлиёти автомобилӣ набояд аз меъёри дар ҳудуди дигар Тарафи Аҳдкунанда муқарраргардида зиёд бошад.

2)Агар ҳаҷм ё вазни воситаҳои нақлиёти автомобилӣ аз меъёри дар ҳудуди Тарафи Аҳдкунанди дигар зиёд бошад, инчунин ҳангоми ҳамлу нақли борҳои ҷудонашаванда ва хатарнок, интиқолдиҳанда бояд иҷозати махуси мақоми ваколатдори Тарафи Аҳдкунандаи дигарро ба даст орад.

3)Агар иҷозати дар банди 2 ҳамин Модда зикргардида ҳаракати воситаҳои нақлиётро тавассути самти муайян пешбинӣ намояд, пас интиқол бояд танҳо дар ҳамин самт анҷом дода шавад.

**Моддаи 7**

1)Ҳамлу нақли пешбининамудаи ҳамин Созишнома метавонад танҳо аз ҷониби интиқолдиҳандагоне анҷом дода шавад, ки мутобиқи қонунгузории дохилии кишвари худ ба ҳамлу нақли байналмилалӣ иҷозат дода шудаанд.

2)Воситаҳои нақлиётие, ки ҳамлу нақли байналмилалиро анҷом медиҳанд, бояд аломатҳои бақайдгирӣ ва фарққунандаи давлатӣ, инчунин паспорти техникӣ ва талони азназагузаронии техники кишвари худро дошта бошанд.

**Моддаи 8**

1) Ба интиқолдиҳанда иҷозат дода намешавад, ки ҳамлу автомобилиро байни ду нуқтае анҷом диҳанд, ки дар ҳудуди Тарафи Аҳдкунанди дигар қарор доранд.

2)Ба воситаҳои нақлиётии боркашон, ки ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ дар ҳудуди Тарафи Аҳдкунанди дигар иҷозат дода шудаанд, барои ҳамлу нақли борҳо ба самти мутақобил иҷозат дода мешавад.

3)Дар асоси Созишномаи мазкур ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди Тарафи дигари Аҳдкунанда ҳам бе бор ва ҳам бо бор иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 9**

Ҳангоми ҳамлу нақли автомобилӣ, ки дар Созишномаи мазкур зикр гардидааст, воситаи нақлиёт бояд варақаи ҳаракат ва варақаи молу нақлиётӣ дошта бошад. Намунаҳои ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар Регламенти истифодаи ҳамин Созишнома муайян карда мешавад.

**Моддаи 10**

Ронандаи нақлиёти мусофиркаш ё боркашон бояд дорои ҳуҷҷати ронандадагии миллӣ бо тарҷума бо забони англисӣ бошад, ки ба категорияи воситаи нақлиёти аз ҷониби ӯ идорашаванда мутобиқат менамояд.

Дигар ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқи Созишномаи мазкур тақозо мегарданд бояд дар назди ронанда бошад ва бо талаби мақомоти нақлиётӣ ва дигар мақомоти ваколатдори назоратӣ пешниҳод карда шавад.

**Моддаи 11**

Ҳисобӣ ва пардохтҳо, ки мутобиқи ҳамин Созишнома сурат мегирад, чунин анҷом дода мешавад:

-мутобиқи созишномаҳо байни ду кишвар;

-дар асоси санадҳои амалкунандаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии Тарафҳо;

-ё тибқи дигар Созишномаҳое, ки бо ваколати Тарафҳои Аҳдкунанда баста шудаанд.

**Моддаи 12**

1)Даромад ва фоидае, ки интиқодиҳадаи як Тарафи Аҳдкунанда ҳангоми иҷрои ҳамлу нақли автомобилӣ дар ҳудуди дигар Тарафи Аҳдкунанда ба даст оварда аст, аз андоз мувофиқи қонунгузории Тарафи Аҳдкунандаи дигар озод мебошад.

2)Яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда мутобиқи қоидаҳои дахлдор аз воситаҳои нақлиётии вурудшавандаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар боҷ ва пардохт барои ҳаракат, инчунин дар асоси баробарҳуқуқӣ, мутобиқи қонунгузорӣ меситонад.

**Моддаи 13**

1)Ҳангоми ҳамлу нақл дар асоси ҳамин Созишнома, воситаҳои зайле, ки ба ҳудуди Тарафи Аҳдкунандаи дигар интиқол дода мешаванд, муштаракан аз андозбандӣ озод карда мешаванд:

а) маводи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ ба миқдоре, ки барои истифодаи ҳамагуна навъи воситаи нақлиёт заруранд, дар он зарфҳое, ки заводи истеҳсолкунанда пешбинӣ намудааст ва аз нигоҳи технологию конструктивӣ ба системаи муҳаррик алоқаманд аст.

б) асбоб анҷом ва қисмҳои эҳтиётие, ки барои таъмири воистаҳои нақлиёти корношоями анҷомдиҳандаи ҳамлу нақли байналмилалӣ заруранд.

2) Қисмҳои эҳтиётии истифоданашуда бояд бозпас бурда шуда, қисмҳои такмилии ивазкардашуда аз ҳудуди кишвар баровардa ё нобуд карда шавад, ё мутобиқи тартиби дар ҳудуди Тарафи Аҳдкунанди дахлдор муқарраргардида супурда шавад.

**Моддаи 14**

Ҳамлу нақли автомобилӣ дар асоси ҳамин Созишнома бо шарти суғуртаи ҳатмии воситаҳои нақлиёт анҷом дода мешавад.

**Моддаи 15**

Назорати сарҳадӣ, гумрукӣ, санитарӣ, нақлиётӣ ва дигар намуди назорат мутобиқи ҳуҷҷатҳои бисёрҷониба ё дуҷонибаи баимзорасида, ки фаъолияти мақомоти ваколатдори Тарафҳоро танзим менамояд, анҷом додамешавад. Дар сурати мавҷуд набудани мувофиқа назорат мутобиқи санадҳои дохилии қонунгузории Тарафҳо анҷом дода мешавад.

**Моддаи 16**

Назорати сарҳадӣ, гумрукӣ, санитарӣ ва нақлиётӣ ҳангоми интиқоли муназзами мусофирон, инчунин ҳангоми интиқоли ҳайвонот ва бори зудвайроншаванда бидуни навбат анҷом дода мешавад.

**Моддаи 17**

Интиқолдиҳандагон ва ронандагони давлати Тарафи Аҳдкунанда вазифадоранд қонунгузорӣ ва қоидаҳои ҳаракати роҳи Тарафи Аҳдкунандаи дигарр риоя кунанд ва воситаҳои нақлиёт, бор ва бағоҷ бояд ҷавобгӯи қонунгузории Тарафи Аҳдкунандаи дигар бошанд.

**Моддаи 18**

Дар ҳолатҳои фалокатҳои роҳу нақлиёт ё қатъи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ вобаста ба ҳодисаҳои форс-мажор мақомоти ваколатдори Тарафҳо дар ҳудуди давлате, ки дар он чунин вазъ рух дода аст, кӯмаки имконпазир ва саривақтӣ расонида, дар мӯҳлати кӯтоҳтарин мақомоти ваколатдори Тарафи Аҳдкунани дигарро огоҳ месозанд.

Фалокатҳои роҳу нақлиётӣ мутобиқи қонунгузории Тарафе, ки дар он чунин ҳодиса рух додаст, танзим мегардад.

**Моддаи 19**

1)Тарафҳои аҳдкунанда ҳаммаи масъалаҳои баҳснокеро, ки метавонанд вобаста ба тавзеҳ ва истифодаи ҳамин Созишнома ба миён оянд, бо роҳи гуфтушунид ва машварат ҳал мекунанд.

2)Ҳангоми зарурат Тарафҳои Аҳдкунанда барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба системаи бланкаҳои иҷозатдиҳанда ва ҳамлу нақли автомобилӣ боздидҳои мақомоти ваколатдорро созмон медиҳанд.

3)Масъалаҳое, ки мутобиқи ҳамин Созишнома, инчунин созишномаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба танзим нагардидаанд ва ҳарду Тарафи Аҳдкунанда иштирокчиёни онҳо мебошанд, мувофиқи қонунгузории дохилии ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 20**

Созишномаи мазкур ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Тарафҳои Аҳдкунанда, ки аз дигар Шартномаҳои байналмилалии басти онҳо бармеояд, дахолат намекунад.

**Моддаи 21**

Ба созишномаи мазкур метавонад тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки онҳо бо Протоколҳои алоҳида ба расмият даровaрда шуда, қисми таркибии ҳамин Созишнома мебошанд.

**Моддаи 22**

1) Созишномаи мазкур аз санаи охирини огоҳиномаи Тарафи дигар дар хусуси гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ, ки барои эътибор пайдо кардани он зарур аст, эътибор пайдо мекунад.

Аз санаи эътибор пайдо кардани ҳамин Созишнома, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автобилӣ, ки 13 августи 1999 дар шаҳри Далян, Ҷумҳурии Халқии Хитой ба имзо расида аст, аз эътибор соқит мегардад.

2) Созишномаи мазкур ба мӯҳлати 3 сол баста шуда, худ аз худ барои 3 соли минбаъда тамдид меёбад, агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дар шакли хаттӣ Тарафи дигари Аҳдкунандаро дар

мӯҳлати на дертар аз 6 моҳи гузашти давраи дахлдори амали ҳамин Созишнома оид ба нияти қатъи амали он, огоҳ нанамояд.

Созишнома дар шаҳри Душанбе рӯзи «27» августи соли 2008 дар ду нусха, ҳар кадом бо забони хитой, тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардида, ҳамаи матнҳо дорои эътибори баробаранд.

**Аз ҷониби Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Халқии Хитой**

**Аз ҷониби Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**